*ЛОИҲА*
Бо Қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
№____ аз “___” _______ с.2017
**тасдиқ шудааст**

# Дастурамали №_
# Дар бораи пур кардани шакли ҳисоботи омории № 1-А
# “Ҳисобот оид ба андоз”

Дастурамали №___ Дар бораи пур намудани шакли ҳисоботи омории №1-А “Ҳисобот оид ба андоз” (минбаъд - Дастурамал) мутобиқи моддаҳои 42 ва 86 Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” таҳия шуда, тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод намудани ҳисобот оид ба андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшударо муйян менамояд.

## БОБИ 1. ШАКЛ ВА МУҲЛАТИ ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТ

1. Шакли ҳисоботи омории №1-А “Ҳисобот оид ба андоз” (минбаъд- ҳисоботи омории №1-А) ба Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд– БМТ) тариқи портали иттилоотии “Равзанаи ягона” дар реҷаи вақти воқеӣ (он-лайн) бо истифодаи имзои электронии рақамии (минбаъд– ИЭР) роҳбари ташкилоти қарзӣ ё шахси ваколатдор, ҳар моҳ на дертар аз таърихи 5-уми баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешаванд.

2. Ба шакли ҳисоботи омории №1-А маълумот оид ба бақия дар аввали давра (бакияпулӣ-, изофапулӣ+), андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда инчунин бақия дар охири давра (бакияпулӣ-, изофапулӣ+) ворид карда мешаванд. Дар ҳисоботи омории №1-А ҳамаи маълумотҳо бо пули миллӣ нишон дода мешаванд;

3. Дар ҳисоботи омории №1-А маълумот дар бораи Рамзи андоз тибқи рамзгузории Замимаи №1 ва Рамзи намуди андоз тибқи рамзгузории Замимаи №2 Дастурамали мазкур дарҷ мегардад.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТ

4. Ҳисоботи омории №1-А дар портали иттилоотии “Равзанаи ягона” дар реҷаи вақти воқеӣ (он-лайн) ҳангоми пайдарпай ворид кардани маълумоти ҳисоботӣ тариқи равзанаҳои интерфейси портал, инчунин тариқи воридоти якдафъаи маълумоти ҳисоботӣ тартиб дода мешавад.

5. Маҷмӯи маълумоти ҳисоботӣ барои ҳисоботи омории №1-А бояд пешакӣ дар файли электронии формати Excel бо назардошти талаботи Дастурамали мазкур таҳия карда шавад.

6. Дар маълумоти ҳисоботие, ки ба воситаи портали иттилоотии “Равзанаи ягона” пешниҳод мешавад, бояд ИЭР роҳбар ё шахси ваколатдори

ташкилоти амонатӣ мавҷуд бошад. Тартиби истифодаи ИЭР дар Замимаи №5-и Дастурамали мазкур нишон дода шудааст.

7. Дар портали иттилоотии “Равзанаи ягона”, дар зерменюи “Кӯмак” ҳуҷҷати электронии “Роҳнамои истифодабаранда” бо шарҳи муфассал ва тасвири графикии қисмҳои функсионалии (равзанаҳои интерфейс) ҳисоботи омории №1-А барои анҷомдиҳии кор дар реҷаи “он-лайн” мавҷуд аст.

8. Сохтори файли формати Excel дар шакли ҳисоботи омории №1-А нишон дода шудааст. Ин файл ба воситаи барномаҳои иловагӣ ё аз тарафи оператор-иҷрокунандаи шакли ҳисоботи омории №-1А “дастӣ” пур карда мешавад.

9. Маълумот дар формати Excel бо риояи талаботи Дастурамали мазкур амалӣ карда мешавад. Саҳеҳу дуруст пур кардани ҳисобот аз рӯи формати нишондодашуда имкон медиҳад, ки маълумоти ҳисоботӣ ба БМТ ба воситаи портали иттилоотии “Равзанаи ягона” пешниҳод карда шавад.

10. Портали “Равзанаи ягона” имкон медиҳад, ки санҷишҳои иловагии маълумоти ҳисоботӣ дар давраи ҳисоботӣ гузаронида шаванд. Инчунин ҷадвалҳои санҷиши амалиёти хизматрасонӣ имкон медиҳанд, ки маълумоти пешниҳодшаванда таҳлил карда шуда, хатогиҳо дар вақти ворид кардани маълумоти дахлдор ошкор карда шаванд. Низом дурустии маълумоти воридшавандаро санҷида, дар бораи хатогиҳо хабар дода, барои таҳрири онҳо имкон медиҳад. Маълумотро чанд маротиба, таҳрир кардан мумкин аст, вале танҳо то лаҳзаи гузоштани ИЭР имкони таҳрир кардан дорад. Баъди гузоштани ИЭР, таҳрири маълумоти ҳисоботӣ танҳо бо иҷозати шахсони ваколатдори БМТ мумкин мебошад.

11. Усули пешниҳоди маълумот, шафофияти дохил кардани маълумоти ҳисоботӣ, таҳлил, таҳрир ва бароварди онро ҳангоми дастрасии бо иҷозат ба портали иттилоотӣ таъмин менамояд.

12. Дар ҳолати ворид намудани тағйирот ба мафҳумҳо ва усулҳои таҳияи нишондиҳандаҳои ҳисоботи омории №1-А, ба иҷрокунандаи ҳисобот маълумоти иловагӣ ва ҳуҷҷатҳо бо шарҳу тавзеҳот аз ҷониби кормандони воҳиди сохтории масъули БМТ пешниҳод мешавад.

13. Агар маълумоти шакли ҳисоботи омории №1-А дар формати Excel тариқи почтаи электронӣ ё реҷаи таъхири техникӣ (оф-лайн) пешниҳод гардад, он гоҳ тағйироти ба сохтори файл воридшуда (дигаршавии ҷойи қисмҳо, сутунҳо, ноаёнии сутунҳо ва ғайра) ҳамчун маълумоти ҳисоботии нодуруст пешниҳодшуда дониста мешавад ва ин гуна ҳисобот дар БМТ ҳамчун пешниҳод накардани ҳисобот дар муҳлати талабшуда ба қайд гирифта мешавад.

## БОБИ 3. ТАРЗИ ПУР КАРДАНИ ШАКЛИ ҲИСОБОТ

14. Ҳисоботи омории №1-А, ки дар формати Excel таҳия мегардад, маълумотҳо дар он аз руи Замимаҳо 1,2,3,4 пур карда мешаванд.

15. Дар варақаи унвонии шакли ҳисоботи омории № 1-А дар формати Excel нишон додани санаи ҳисобот ба шакли “рӯз, моҳ, сол”, рамз (код) ва

рақами мушаххаси андозсупорандаи ташкилоти амонатӣ (РМА воҳиди хоҷагидорӣ) зарур мебошад.

16. Ҳангоми тариқи почтаи электронӣ ба БМТ пешниҳод намудани шакли ҳисоботии оморӣ №1-А дар формати Excel, бояд дар варақаи унвонӣ ному насаб, рақами телефони иҷрокунандаи он нишон дода шавад.

17. Барои рамзбандии (кодгузории) маълумот бояд классификатори рамзҳо (кодҳо), ки дар маълумотномаи замимаҳои № 1, 2, 3, 4,-и Дастурамали мазкур зикр шудааст, истифода бурда шавад.

Ҷадвали 1. Маълумот дар бораи андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда

| № | Ном | Мазмун |
|---|---|---|
| 1 | Рамзи андоз | Мутобиқи Замимаи №1 Датурамали мазкур гузошта мешавад. |
| 2 | Рамзи намуди андоз | Мутобиқи Замимаи №2 Дастурамали мазкур нишон дода мешавад. |
| 3 | Рамзи минтақа | Рамзи минтақа мутобиқи Замимаи №3 Дастурамали мазкур нишон дода мешавад. |
| 4 | Меъёри фоиз | Тибқи меъёри фоизи муқарарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад. |
| 5 | Бақияпулӣ дар аввали давра (бақияпулӣ-, изофапулӣ +) | Маблағҳои андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳое, ки барои пардохтан ба буҷет ҳисоб карда шуда, дар мӯҳлати муқарраргардида аз ҷумла дар мӯҳлати тағйирдодашуда, пардохт нашудаанд. |
| 6 | Маблағҳои ҳисобшуда | Маблағҳои андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳое, ки барои пардохтан ба буҷет ҳисоб карда шудаанд. |
| 7 | Маблағҳои пардохт гардида | Маблағҳои андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳое, ки ба буҷет пардохт карда шудаанд |
| 8 | Бақияпулӣ дар охири давра (бақияпулӣ-, изофапулӣ +) | Маблағҳои андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳое, ки барои пардохтан ба буҷет ҳисоб карда шуда, дар мӯҳлати муқарраргардида, аз ҷумла дар мӯҳлати тағйирдодашуда, пардохт нашудаанд. |